


# ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Water Year 2003

WATER FOR LIFE
2005-2015

UN WATER
World Water Day
2013
International Year of
Water Cooperation

WATER
ACTION DECADE
2018-2028

2025
International
Year of Glaciers'
Preservation

WORLD
FOOTBALL
DAY
25 MAY

**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ
ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТИИ РУШДИ
УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ**

# ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе-2025**

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима ……………………………………………………………...…..…5**
**Боби 1. Нақши Пешвои миллат дар ташаккули рӯзномаи экологии байналмилалӣ ……………………………………………..........…..........8**
**Боби 2. Ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ..................................11**
**Боби 3. Аҳамияти ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати экологии ҷаҳонӣ ва дипломатияи сабз ……………………......................42**
**Хулоса ……………………………………………………………...…….47**
**Замимаҳо ...........................................................................................48-109**

1. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/55/196 – Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003 …..........……………………….................................48
2. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/57/252 – Чорабиниҳое, ки дар раванди омодагӣ ба Соли байналмилалии оби тоза гузаронида шуданд, соли 2003 ……………………………………………………………...........50
3. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/58/217 – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015 ……………….....53
4. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/64/198 – Шарҳи миёнамуҳлати ҳамаҷонибаи чараёни баргузории даҳсолаи байналмилалии амал "об барои ҳаёт", солҳои 2005-2015 ……...………………............................…56
5. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/65/154 – Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013 ……………………………………………59
6. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/67/204 – Баргузории Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013 …………………………...62
7. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/71/222 – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 …..…66
8. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/75/212 – Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба баррасии фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 ……………………………………………….…………………...…72
9. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/77/158 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, 2025 ………………………………………………………..…82
10. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/77/158 – Эълони 21 март ҳамчун рӯзи ҷаҳонии пиряххо …………………………………………………….87

11. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/77/334 – Амалҳои минбаъда дар робита бо Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба баррасии фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳоиДаҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028……………………………………………………92
12. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/78/278 **–** Рӯзи байналмилалии морхӯр **…………………………………………………………..…………96**
13. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/78/281 – Рӯзи ҷаҳонии футбол………………………………………………………………………....99
14. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/RES/78/321 – Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034 ……………………………………......103
15. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ A/79/L.94 – Нақши зеҳни сунъӣ дар эҷоди имкониятҳои нав барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ …….…106

## МУҚАДДИМА

Дар оғози асри XXI ҷомеаи ҷаҳонӣ бо як қатор таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ гардид, ки миёни онҳо ҷойгоҳи махсусро тағйирёбии иқлим, таназзули низомҳои экологии табиӣ, обшавии босуръати пиряххо, камбуди оби тозаи ошомиданӣ ва шиддатёбии паёмадҳои бухронҳои марбут ба муҳити зист ишғол менамоянд. Ин таҳдидҳо зарурати ҳамкориҳои ҳамоҳангшудаи ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро ба миён мегузоранд. Аз ҳамин ҷост, ки ташаббусҳои кишварҳо, ки дар ташаккули рӯзномаи байналмилалии ҳифзи муҳити зист ва иқлим саҳми амалӣ мегузоранд, аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Дар ин ҷараён Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми барҷаста касб намуда, ҳамчун пешсафи эътирофшудаи дипломатияи об ва иқлим шинохта шудааст.

Яке аз омилҳои калидие, ки нуфузи байналмилалии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ муайян намуд, ин нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дидгоҳи стратегӣ ва иродаи устувори сиёсии Пешвои миллат имкон доданд, ки масъалаҳои марбут ба муҳити зист ба сатҳи масъалаҳои марказии рӯзномаи ҷаҳонӣ бароварда шаванд. Ба шарофати пайгирии дипломатияи Тоҷикистон дар тӯли беш аз ду даҳсола Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид як қатор қатъномаҳо, ки бо ташаббуси Тоҷикистон пешниҳод гардиданд, қабул намуд. Онҳо ба таҳкими механизмҳои байналмилалии идоракунии устувори захираҳои обӣ ва табиӣ таъсири назаррас расонданд.

Қадами нахустин дар ин самт қабули бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардидаи Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ № 55/196 аз 20 декабри соли 2000 буд, ки соли 2003-ро Соли байналмилалии оби тоза эълон кард. Ин иқдом аз дарки амиқи он сарчашма мегирифт, ки дастрасӣ ба оби ошомидании бехатар пояи рушди инсонӣ, амнияти озуқаворӣ ва энергетикии ҷаҳонӣ мебошад. Эълон гардидани Соли байналмилалии оби тоза ба як гардиши сарнавиштсоз табдил ёфт, яъне бори аввал дар таърихи башарият масъалаҳои обӣ ба маркази рӯзномаи ҷаҳонии ҳифзи муҳити зист ворид карда шуданд.

Идомаи мантиқии ин иқдом пешниҳоди ташаббуси дигар – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005-2015) буд, ки бо Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ № 58/217 аз 23 декабри соли 2003 қабул гардид. Ин ташаббус зарурати гузариш аз изҳорот ба тадбирҳои амалӣ барои таъмини дастрасии бештари аҳолии сайёра ба оби тозаи ошомиданӣ ва санитария, ҳамчунин ташаккули моделҳои устувори истифодаи захираҳои обиро таъкид намуд. Дар давоми ин даҳсола таҳти сарпарастии СММ садҳо лоиҳаҳо дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон амалӣ гардиданд, ки ба беҳбуди низоми обтаъминкунӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷамъият ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ равона гардида буданд.

Иқдоми нави ҷаҳонии Тоҷикистон дар Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид № 71/222 аз 21 декабри соли 2016 таҷассум ёфт, ки солҳои 2018-2028-ро Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон намуд. Ин ташаббус бо ҳадафи муттаҳид сохтани иқдомҳои ҳамгироёнаи кишварҳо баҳри ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ), пеш аз ҳама ҲРУ 6 – «Таъмини дастрасӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об ва санитария барои ҳама», пешниҳод гардида буд. Дар доираи ин даҳсола дар шаҳри Душанбе як қатор конфронсҳои байналмилалии сатҳи баланд баргузор шуданд, ки дар онҳо роҳбарони давлатҳо, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, олимон ва коршиносон ширкат варзиданд. Ин минбарҳо ба сифати платформаи муҳиме барои таҳияи қарорҳои ҳамоҳангшуда оид ба идоракунии ҳамгирои захираҳои обӣ ва густариши ҳамкориҳои фаромарзӣ хизмат карданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои низомҳои нотакрори кӯҳӣ буда ва дар айни замон аз ҷиҳати обшавии пиряхҳо аз осебпазиртарин кишварҳо ба шумор меравад, ташаббускори як иқдоми муҳими дигари ҷаҳонии марбут ба муҳити зист гардид. Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соли 2022 Маҷмаи Умумии СММ ба таври якдилона қатъномаеро қабул намуд, ки тибқи он соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардид ва ҳамзамон таъсиси Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (21 март) муқаррар карда шуд. Ин ташаббус аҳамияти хоси экнизомҳои кӯҳиро барои Осиёи Марказӣ инъикос менамояд, зеро маҳз пиряхҳо то 60 фоизи ҷараёни оби рӯизаминиро таъмин карда, сарчашмаи асосии оби тозаи минтақа мебошанд.

Таъсиси Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо марҳилаи нави ташаккули дипломатияи ҷаҳонии иқлим гардид. Он замина фароҳам овард, то кишварҳо, муассисаҳои илмӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар самти мониторинги ҳолати криосфера, ҷалби захираҳои молиявӣ ва таҳияи стратегияҳои мутобиқшавӣ иқдомҳои муштарак анҷом диҳанд. Яке аз натиҷаҳои муҳими ин иқдом таъсиси Фонди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе гардид, ки ҳамчун воситаи дарозмуддати дастгирии тадқиқоти илмӣ ва тадбирҳои амалӣ барои коҳиши таъсири тағйирёбии иқлим амал хоҳад кард.

Ҳамаи ин ташаббусҳои ҷаҳонӣ бо номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванданд. Пешсафӣ, устуворӣ дар дипломатия ва андешаи стратегӣ ба Роҳбари давлат имкон доданд, ки на танҳо масъалаҳои муҳити зисти Осиёи Марказиро ба сатҳи байналмилалӣ бароранд, балки модели нави иштироки кишварро дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ташаккул диҳанд. Ба шарофати чунин иқдомҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз пешсафони ташаккули рӯзномаи ҷаҳонии экологӣ ва иқлим табдил ёфта, ба шарики боэътимоди Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ дар пешбурди Ҳадафҳои рушди устувор мубаддал гардид. Имрӯз маҳз ҳамин ташаббусҳо заминаи

таҳкими ҳамбастагии ҷаҳонӣ, густариши шарикӣ ва баромади Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати пешсафи сиёсӣ дар масъалаҳои марбут ба об, иқлим ва рушди устуворро фароҳам овардаанд.

Пешвои миллат тавонистанд ҷомеаи ҷаҳониро бовар созанд, ки масъалаҳои об ва иқлим на танҳо мушкилоти минтақавӣ, балки масъалаҳои умумибашарӣ мебошанд, ки ба таври мустақим ба иҷрои Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 таъсир мерасонанд. Ташаббусҳои Пешвои миллат аз тарафи аксари кулли кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфтанд, ки ин гувоҳи аҳамияти баланди амалии онҳо ва арзиши ҷаҳонӣ будани иқдомҳои мазкур аст.

Ба ин тариқ, ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз марҳилаҳои муҳимтарин дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои рушди устувор, ҳифзи муҳити зист ва дипломатияи сабз табдил ёфтанд. Онҳо механизмҳои институтсионалиро ташаккул доданд ва ба рӯзномаи ҷаҳонии экологӣ мазмуни нав бахшиданд.

Маводе, ки дар ин нашр пешниҳод шудааст, аҳамият ва ҷанбаҳои мухталифи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос намуда, таҷрибаи кишварро инъикос мекунад. Ин таҷриба барои ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун намунаи ибратбахш дар шароити ҷустуҷӯи ҳалли одилона ва дарозмуддати мушкилоти ҷаҳонии марбут ба муҳити зист хоҳад буд.